**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21-уми феврали соли 2023, таҳти №25 дар бораи сазовор донистани Буриев Акмал Раҷабалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзуи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 06.12.2022, суратмаҷлиси №14 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Акмал Раҷабалиевич санаи 1-уми августи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Буриев Акмал Раҷабалиевич соли 2016 шуъбаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, аз соли 2017 то имрӯз ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ фаъолият дорад.

Аз 21-уми январи соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.02.2019с., №58-05). Мавзуи диссертатсия – «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (1-уми марти соли 2019, №7(18-19).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он борҳо муҳокима карда шуда, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 17-уми сентябри соли 2022). Диссертатсия дар ҷаласаи шурои (семинари) илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 8-уми октябри соли 2022, №4 муҳокима карда шуда, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қурбонов Қурбон Бобоевич** – н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б. мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Саъдиев И.З. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Буриев, А.Р. Шартномаи зериҷораи қитъаи замин (субаренда) [Матн]. А.Р. Буриев, М.М. Соҳибов // Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «ДМТ Нашриёти Сино». – 2017. – № 2/4. Қисми II. – С. 225–228. ISSN 2074-1847

[2–М]. Буриев, А.Р. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ [Матн] / А.Р. Буриев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3(23). – С. 154-163. ISSN 2414-9217

[3–М]. Буриев, А.Р. Нақши қонунгузории гражданӣ дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ [Матн] / А.Р. Буриев, Қ.Б. Қурбонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – № 2(35). – С. 186-196. ISSN 2703-5198

[4–М]. Буриев, А.Р. Мафҳум ва хусусиятҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / А.Р. Буриев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 3(23). – С. 154-163. ISSN 2414-9217

[5-М]. Буриев, А.Р. Нақши шартномаи консессионӣ дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ [Матн]. А.Р. Буриев // Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «ДМТ Нашриёти Сино». – 2022. – № 8. – С. 302–324. ISSN 2074-1847

[6-М]. Буриев, А.Р. Таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ. [Матн]. А.Р. Буриев, Қ.Б. Қурбонов // Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «ДМТ Нашриёти Сино». – 2022. – № 8. – С. 268–173. ISSN 2074-1847

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[7–М].** Буриев, А.Р. Шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ. [Матн] / А.Р. Буриев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – № 2(10). – С. 91-92. ISSN 2414-9217

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Сидиқов Д.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»; **Шарифов Ш.Ҷ** – мудири бахши таъминоти ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсия оид ба табиати оммавӣ доштани созишнома оид ба тақсимоти маҳсулот ва дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ зиёд будани созишномаҳоро дарбар мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зеринро анҷом додааст:**

1) нақши қонунгузории гражданӣ дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян намудааст;

2) мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи гражданӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст;

3) мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ асоснок кардааст;

4) шартномаи консессионӣ ва дигар шартномаҳо дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян кардааст;

5) ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ асоснок кардааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– маводи рисолаи диссертатсионӣ фаҳмишҳои илмиро вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки нақши қонунгузории гражданӣ дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар

танзими ҳуқуқи гражданӣ муайян карда шуда, василаҳои ташаккул ва рушди институти мазкур амиқ карда шаванд;

– мушкилоти асосӣ дар самти муайяннамоии ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ, мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, инчунин шартномаи консессионӣ ва дигар шартномаҳо дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ таҳқиқ шудаанд;

– бобати такмил додани масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои баррасишаванда пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, А.Д. Ғафурзода, Ҷ.С. Муртазозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, У.А. Меликов, Р.Ҷ. Ҷабборов, Ф. Нодиров, Д.Ш. Сангинзода, Ш. Каримзода, Қ.Б. Қурбонов, М.М. Соҳибзода, Ф.А. Маҳмадшозода, И.З. Саъдиев, Б.Ғ. Наимов ва олимони хориҷӣ М.И. Брагинский, В.А. Белов, В.Е. Витрянский, Р.А. Какулия, А.Л. Мансурова, Н.В. Данилова, Н.Б. Мухитдинов, А.Ф. Шарифуллина ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи гражданӣ ва экологӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждании Тоҷикистон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва экологӣ саҳмгузор бошанд;

– инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ ва диссертатсияҳо истифода бурд;

– таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсир ва татбиқи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, инчунин танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи

экологӣ алалхусус танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

– натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи шартномавӣ ва ҳуқуқи уҳдадорӣ ва ғ. мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 21-уми феврали соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Буриев Акмал Раҷабалиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд 62 тасдиқ гардидааст, «15» нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз «15» нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – «15» нафар, муқобил «нест», бюллетенҳои беэътибор «нест».

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

**21 феврали соли 2023**